**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Дустзода Ҳамроҳхон Ҷумъа дар мавзуи “Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**.

Фразеология як қисмати бобаракати лексикология ба шумор рафта, ҳамчун воситаи муссири забон барои образноку таъсирбахш баён намудани фикр хизмат мекунад. Ҳарчанд дар забоншиносии тоҷик пажуҳишҳои зиёде доир ба паҳлуҳои мухталифи воҳидҳои фразеологӣ ба анҷом расидаанд, ҳанӯз баъзе паҳлуҳои он ба таҳқиқоти нав ба нав ниёз доранд.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсияи Дустзода Ҳамроҳхон Ҷумъа таҳти унвони “Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)” бармеояд, ки таҳқиқоти мазкур ба таҳлил ва омӯзиши мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ бахшида шудааст.

Мубраммияти таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқи мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ бори аввал дар забоншиносии тоҷик мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, 4 боб, 57 фаслу зерфасл, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат буда, натиҷаву мушоҳидаҳо дар қисмати хулоса ҷамъбаст гардидаанд.

Муқаддимаи диссертатсия тибқи муқарраротӣ муайяншуда таҳия шуда, дар он мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назариву амалӣ ва методологияи таҳқиқ, сарчашма ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, хеле муҳим ва амиқ нишон дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия “**Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар танзими маъноҳои воҳидҳои фразеологӣ**” унвон дошта, аз ҳашт фасл иборат аст. Унвонҷӯ дар ин боб маводи зиёдеро дар асоси сарчашмаҳо ва адабиёти назариявӣ таҳлилу баррасӣ намуда, нақши **воситаҳои тасвири бадеиро** дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ нишон додааст. Инчунин дар ин қисмати кор маънои забонӣ ва навъҳои он, маънои фразеологӣ ҳамчун як навъи маънои забонӣ, маънои маҷозӣ, маъноҳои мафҳумӣ,

образнок, маъноҳои эҳсосотӣ ва нақши онҳоро дар танзими маъноҳои воҳидҳои фразеологӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар зербоби шашум бошад маъноҳои эсосотиро ба қабатҳо ҷудо намуда, бо мисолҳо шарҳ дода, хулосаҳои боэътимод баровардааст. Дар зербоби ҳаштум маҷози забониро бо маҷози бадеӣ муқоиса намуда, андешаҳояшор бо мисолҳо асоснок намудааст.

Боби дуюми диссертатсия "**Муболиға ва истиора дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ**" номгузорӣ шуда, аз фаслу зерфаслҳо иборат аст. Дар фасли якум "**Муболиға ва нақши он дар сохтани воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ** " ки аз зербобҳо иборат аст, воҳидҳои фразеологиро аз ҷиҳати сохтор дар доираи маъноҳои муболиға, истиора гурӯҳбандӣ намуда, ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Боби сеюми диссертатсия **"Ташбеҳ дар сохтани воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ"** унвон дошта, аз шаш фаслу 10 зерфасл иборат аст. Дар ин қисмати кор нақши ташбеҳ дар ифодаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби чоруми диссертатсия **"Тавсиф ва киноя дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ"** унвон дошта, он ба масъалаи тавсифу киноя ҳамчун воситаҳои тасвири бадеӣ, нақши онҳо дар ташкили воҳидҳои фразеологӣ бахшида шудааст.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия муаллиф ба таври мушаххас ва фишурда натиҷаи илмию амалии таҳқиқотро дар 28 банд ҷамъбаст кардааст.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки унвонҷӯ доир ба мавзуи диссертатсия 34 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 18 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 13 адад дар нашрияҳои илмии гуногуни ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд. Ҳамчунин, муҳтаво ва масоили бахшҳои диссертатсия дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию назариявии ҷумуриявӣ ва байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар баробари дастовардҳову комёбиҳои назаррас дар матни автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳоиислоҳпазир ба мушоҳида мерасанд, ки бартараф кардани онҳо, дар оянда, ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба матни автореферати диссертатсия роҳ ёфтаанд, ки ислоҳ мехоҳанд: саҳ. 4, 22...
2. Объекти таҳқиқ мушаххастар мегардид, сифати кор боз беҳтар мешуд.

Диссертатсияи **Дустзода Ҳамроҳхон Ҷумъа** дар мавзуи **“Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)”**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, анҷомёфта буда, ба талаботи «Низомномаи Шурои диссератсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Муаллифи он **Дустзода Ҳамроҳхон Ҷумъа** ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи
забони тоҷикии МДТ “Донишгоҳи давлатии
тиббии Тоҷикистон ба номи
Абуалӣ ибни Сино”
Ш. Душанбе, н. Сино,
маҳаллаи Навбаҳор, хонаи 622
E-mail: sanobarnizomova66@gmail.com
Тел: 935. 15-40-29 Низомова С.Ф.

Имзои Низомова С.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати рушди кадрҳои МДТ
“Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сино”
734003 ш. Душанбе, кӯчаи Сино, 29-31.
Тел:446003977: факс2353496 Сафаров Б.И.
E-mail:info@tajmedun.tj

08.02.2024